# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба рисолаи доктории Сафоев Абдумаҷид Каримович дар мавзӯи «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхоиаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешбинӣ гардидааст.**

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Рушди баробарии фазоии иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами ҳукумати мамлакат мебошад. Дар баробари ин, дар марҳалаи кунунии дигаргунсозии иқтисодӣ ҳадафи асосии идоракунии иқтисоди минтақавӣ дар шакли дарозмуддат ин фароҳам овардани шароит барои рушди устувор ва рушди низоми ҳудудии иқтисодӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат нигаронида шудааст, дарак медиҳад. Ноил гардидан ба ин ҳадафҳои стратегӣ бе ҷалби сармоя ба иқтисодиёти минтақа, махсусан дар асоси татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ имконнопазир мебошад.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ механизми амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба татбиқ, институтҳои татбиқ, сарчашмаҳои маблаггузорӣ ва воситаҳои нави идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ниёз доранд. Такмили идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд ба дастовардҳои навтарини илм ва механизмҳои нави татбиқи он равона гарданд.

Таҳлил ва таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағгузории асосӣ эҳтиёҷи калон доранд. Гузашта аз ин, барои сатҳи баланди ҷалби сармояи асосӣ ба иқтисодиёт на танҳо ҳукумати ҷумҳурӣ, балки худи маъмурияти минтақаҳо низ бояд ҷалб карда шаванд. Аз ин рӯ, мантиқан метавон тахмин кард, ки принсипҳои асосии идоракунӣ ва механизми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва самаранокии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ бевосита аз иштироки васеи маъмурияти минтақаҳо дар раванди сармоягузорӣ вобастагӣ дорад.

Хусусияти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду сатҳ сурат мегирад. Сатҳи якум ин лоиҳаҳое мебошанд, ки дар минтақаҳо тавассути Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ амалӣ мешаванд ва сатҳи дуюм ин лоиҳаҳое мебошанд, ки худи минтақаҳо барои татбиқ пешниҳод менамоянд. Таҳлили минбаъдаи самаранокии чунин лоиҳаҳо нишон медиҳад, ки татбиқи онҳо бо тавсифҳои хеле муҳим, ки хусусиятҳои минтақаро инъикос мекунанд, хос аст.

Хусусияти хоси идоракунӣ ва механизми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар интихоби оқилона ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ аз ҷониби маъмурияти минтақаҳо асос меёбад. Маҳз онҳо метавонанд амиқтар таҳлил карда, роҳҳои алтернативии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро пешниҳод намоянд.

Аллбата, агар ба таҳқиқотҳои илмии олимони риштаи мазкур назар афканем, он гоҳ ба таври ошкоро назар афканем, пас маълум мегардад, ки мавзӯи “Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз доираи таҳқиқот ё берун мондааст ё ба таври бояду шояд ҳамчун объекти ҷустуҷӯи дақиқи илмӣ қарор гирифта нашудааст.

Гурӯҳи олимоне ҳастанд, ки ба ин масъала эътибори махсус додаанд ва ҳатто онро ҳамчун шуғли якумраи худ қарор доданд. Дар қатори чунин олимон, пеш аз ҳама олимони хориҷӣ ин Ендовицкий Д.А., Щедровицкий П.Г., Азжеурова К.Е., Бабурин В.Л., Ольшанская М.В., Бурков В.Н., Быстров О.Ф., Гончарова Е.А., Инжинова Л.А., Ковалёва С.И., Жерновая Э.В., Лексин В.Н., Малышев Д.П. ва дигарон. Чунин олимони ватанӣ дар ин самт бештар кор кардаанд, ба монандӣ Алиҷонов Ҷ.А., Бобоҷонов Д.Д., Назаров Т.Н., Бердиев Р.Б., Раҳимов Р.К., Раҳимзода Ш.М., Комилов С.Ҷ., Обидов Ф.С., Ҷурабоев Ғ.Ҷ., Умаров Ҳ.У., Мирсаидов А.Б., Низомова Т.Д., Қандиёрова Д.О., Одинаев Ҳ.А., Қаюмов Н.К., Давлатов Қ.Қ., Хоналиев Н.Х., Солеҳзода (Солиев) А.А., Исмоилов А.А., Тағоев Ҷ.Х., Бақоев Ш.С. ва дигарон.

Корҳои илмие, ки ба масъалаҳои номбурда бахшида шуда, хусусияти муназзам дошта бошанд, ба назар намерасанд ва дар ин бобат диссертатсияи Сафоев А.К. кӯшиши аввалини ба таври системавӣ дида баромадан ва таҳлил намудани равишҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръатро доро мебошад.

Дар раванди иҷрои рисолаи докторӣ Сафоев А.К. доир ба ин мавзӯи хеле муҳим худро аз лиҳози қобилияти баланди илмӣ, муносибати эҷодӣ, меҳнатдустӣ хуб нишон дод. Дар ин муддат, диссертатсия аз вазъи парокандагии маводҳо то ба кори илмие, ки дорои идея ва мазмуни ягона буд ва дар он проблемаи муҳимтарини илмӣ ҳаллу фасли худро пайдо карда буд, омада расидааст. Ба ақидаи ман, рисолаи доктории пешниҳодкардаи Сафоев А.К. дар сатҳе иҷро гардидааст, ки ба талаботи асосии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Сафоев А.К. дар атрофи мавзӯи рисолаи доктории худ беш аз 12 сол таҳқиқот анҷом дод. Дар ин давра ӯ тавонист, ки тамоми адабиёти заруриро доир ба таҳқиқоти хеш бо диққат мутолиа намояд, аз ҷиҳати илмӣ ва назариявӣ таҳлил кунад, ҳамзамон муносибати худро ба ақидаҳои илмие, ки олимони мухталиф пешниҳод намудаанд, муайян созад.

Вобаста ба рисолаи илмӣ аз тарафи муҳаққиқ зиёда аз 65 корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро гардидааст, ки аз он 15 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

Таҳқиқоти рисолаи докторӣ ба талаботи Шиносномаи тахассус – 08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо: мутобиқат менамояд ва тахассуси илмии Сафоев А.К. довталаби дарёфти

дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мутобиқат мекунад.

Диссертатсия дар бисёр бахшҳо хусусияти мубоҳисавӣ дорад. Ҳамчун мушовири илмӣ ба ақидаҳои асосии Сафоев А.К. розӣ ҳастам ва аз он қаноатмандам, ки ӯ ақидаҳои худро мантиқан асоснок ҳимоя карда метавонад.

Ҳамчун мушовири илмӣ бояд қайд намоям, ки Сафоев А.К. аз назари хусусиятҳои инсониаш шахси хеле муътабар мебошад. Солҳои зиёде, ки дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон кор мекунад, фаъолияташ хеле самимона, поквиҷдонона ва меҳнатдӯстона аст. Бо забонҳои англисӣ ва русӣ озодона ҳарф мезанад.

Дар байни коллективи меҳнатӣ, обрӯву эътибори хоса дорад. Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини Сафоев А.К. масъулияти баланд дар иҷрои корҳои илмӣ таҳқиқотӣ мебошад.

Аз ин рӯ, тамоми хусусиятҳои инсонии Сафоев А.К. ва натиҷаҳои назараси таҳқиқоти илмии ӯро ба назар гирифта ба чунин хулоса омадам, ки аз ҳама ҷиҳат ӯ сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Тақризи мушовири илмӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ,
узви вобастаи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Саидмуродзода Л.Ҳ.

***Сурога:*** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, кучаи С.Айнӣ, 44. Тел: (+992 37) 2216750; (+992 37) 2215765 E-mail: info@ied.tj; Факс: +992 (37) 2216750

Имзои Саидмуродзода Л.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои ИИ ва Д АМИТ Қурбонов Э.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ
ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТ ЭКОНОМИКИ И ДЕМОГРАФИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА